# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 4, октябр – декабр 2023**

Душанбе-2023

Исполнитель:

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳаким Р.А. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тағозода А.С. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳакимзода С.А. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пӯлодӣ М.К. –** судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МУНДАРИҶА

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»**.......................................................5

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................44

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................47

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................49

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................51

**Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....................................................53

**П А Ё М И**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**
**«ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»**

**28 декабри соли 2023 шаҳри Душанбе**

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Ҳамватанони азиз!

Соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.

Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд.

Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи

самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд.

Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем.

Сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ ба мо муяссар шуд, ки нишондиҳандаҳои рушдро дар ин марҳалаи ҳассос таъмин намоем.

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

Ҳол он ки мо дар давраи пандемияи КОВИД–19 беш аз ду сол дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ қарор доштем.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад.

Вакилони муҳтарам!

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт.

Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид.

Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ухдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар ин давра танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии яквақта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 милларду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Ҳукумати мамлакат барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар оянда низ тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад.

Дар се соли минбаъда ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд.

Инчунин, бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок, бахусус, коғазҳои қиматноки «сабз» ва бозори такрорӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Соли 2023 дороии сохторҳои молиявию қарзии кишвар нисбат ба соли гузашта 22 фоиз зиёд гардида, 39,6 миллиард сомониро ташкил кард.

Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса бо соли 2022-юм 31,1 фоиз афзоиш ёфта, ба 18,5 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1 фоиз зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод.

Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30 фоиз афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Дар ин давра бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ 32 фоиз зиёд гардида, ба 18,6 миллиард сомонӣ расид.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорону сармоягузорони бонангу номуси кишвар барои ташаббусҳои созандаашон ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ дар ин самт тадбирҳои саривақтиро амалӣ созанд ва ташаббусҳои соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ намоянд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Дар ин давра дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022 – 2026, яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад.

Соли 2023 барои ташкили истеҳсолоти нави саноатӣ, васеъгардонии фондҳои асосӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти наву рақобатнок аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва маблағи корхонаҳо зиёда аз 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 1,5 баробар зиёд мебошад.

Зарур аст, ки дар ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакат доир ба ислоҳоти низоми ҷалби сармоя, таҳияву пешниҳод ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, бахусус, дар бахшҳои саноативу агросаноатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои баланд бардоштани имкониятҳои сармоягузорӣ ба кишвар стандартҳои миллии экологиву иҷтимоӣ ва идоракуниро дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таҳия намоянд.

Ҳамватанони азиз!

Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки

дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Танҳо аз ҳисоби зиёд шудани иқтидорҳои саноатӣ дар замони истиқлол талабот ба неруи барқ беш аз 800 мегаватт зиёд гардид.

Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем.

Яъне мо ба рушди иқтисодии мамлакат аз соли 2000-ум – ҳамагӣ 23 сол пеш шурӯъ кардем.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022 – 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем.

Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки соли ҷорӣ содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо кардааст.

Соли 2022 содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 миллиард сомонӣ расида буд, вале дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18,5 миллиард сомониро ташкил карда, 19 фоиз кам гардид.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки афзоиши назаррaси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ба ин васила ба роҳ мондани коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, хусусан, ҷавонону бонувон эътибори махсус диҳанд.

Вобаста ба масъалаҳои зикргардида, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки доир ба такмили низоми омода намудани мутахассисон барои бахши воқеии иқтисодиёт, бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ, таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, агросаноатӣ ва хизматрасонӣ, тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Тавре ки ҳамватанони азизи мо мушоҳида мекунанд, солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст.

Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар зарари зиёд мерасонанд.

Бинобар ин, бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд.

Дар робита ба ин, Саридораи геология бо истифода аз натиҷаҳои бадастомадаи муҳандисиву геологӣ ва бо нишон додани минтақаҳое, ки зери таъсири омилҳои хатарноки табиӣ қарор доранд, Атласи равандҳои экзогениву геологии кишварро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Инчунин, ба Ҳукумати мамлакат ва Саридораи геология супориш дода мешавад, ки фаъолиятро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиш, ҷустуҷӯ, иктишоф ва барои истифодаи саноатӣ омода намудани конҳои канданиҳои фоиданок вусъат бахшанд.

Вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав ва Саридораи геология вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дарёфти маблағҳои зарурӣ барои тақвияти корҳои таҳқиқотиву геологӣ ва мушаххассозии захираҳои мавҷуда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ карда шуд.

Агар мо ин корро намекардем, шояд имрӯз умуман бе барқ мемондем.

Дар ин давра танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд.

Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум» бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад.

Нуктаи муҳим ин аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъди азнавсозӣ ба мардуми Тоҷикистон боз даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳанд кард.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда зарур аст, ки дар солҳои оянда аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва дигар сохтору мақомоти марбута тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум: бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд.

Дуюм: барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар бо барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия суръати корҳои асосноккунии

техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии «Шӯроб» бо иқтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, «Санобод» бо иқтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ – қисмати ноҳияи Рӯшон ва «Чарсем» дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иқтидори 14 мегаватт, бо дарназардошти бунёди хатти интиқоли барқ ва дигар инфрасохтори зарурии интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.

Сеюм: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи CASA–1000 ва азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт – соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Чорум: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 фоизи талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.

Панҷум: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Шашум: корҳо дар самти гузариш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд.

Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем.

Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Яъне Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад.

Ҳозирини гиромӣ!

Бо мақсади раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он Ҳукумати мамлакат аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди вазъи душвори иқтисодиву молиявӣ, тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Дар ояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ва Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон –

Туркманистон – Эрон – Туркия – Аврупо, инчунин, Тоҷикистон – Чин – Покистон истифода хоҳанд шуд.

Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки дар ояндаи наздик барои ташаккули долонҳои иқтисодӣ як қатор лоиҳаҳои афзалиятноки бунёду таҷдиди роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиро лоиҳакашӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод намояд.

Роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма – Қарасу (300 километр), Бохтар – Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён – Шаҳритус – Айвоҷ – сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон (170 километр), Хуҷанд – Конибодом (57 километр), Хуҷанд – Ашт (122 километр) ва Балҷувон – Сари Хосор (58 километр) аз ҷумлаи ҳамин лоиҳаҳо мебошанд.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 13 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Ҳоло лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод ба маблағи 3,3 миллиард сомонӣ ва бунёди пули калонтарин дар мамлакат бо дарозии 920 метр ба маблағи 625 миллион сомонӣ дар водии Рашт амалӣ шуда истодаанд.

Инчунин, татбиқи лоиҳаҳои бунёди роҳҳои Бекобод – Деҳмой, Деҳмой – Бобоҷон Ғафуров, Бобоҷон Ғафуров – Хистеварз ва Конибодом – Кучкак (52 километр) 635 миллион сомонӣ дар вилояти Суғд, Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара (69 километр) 672 миллион сомонӣ, Ҳулбук – Темурмалик – Кангурт (59 километр) 740 миллион сомонӣ дар вилояти Хатлон идома дорад.

Ҳамзамон бо ин, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҷдиду барқарорсозии роҳи мошингарди Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр)

бо сохтмони ду нақб бо дарозии 5,2 километр ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ, сохтмони ду пул бо дарозии 283 метр аз болои дарёҳои Ғунд ва Шорфдара, 4,5 километр роҳ ва долонҳои зидди тарма (550 метр) ба маблағи 342 миллион сомонӣ идома дорад.

Бунёди роҳҳои Гулистон – Кӯлоб (35 километр) 745 миллион сомонӣ, Данғара – Гулистон (49 километр) 1 миллиарду 314 миллион сомонӣ, Гулистон – Фархор – Панҷ – Дӯстӣ (137 километр – марҳалаи якум) 449 миллион сомонӣ ва марҳалаҳои боқимонда ба маблағи 1,1 миллиард сомонӣ дар давраи оғозшавӣ қарор дорад.

Дар 7 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар пойтахти мамлакат 82 километр роҳҳо ба маблағи 2 миллиарду 235 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шуданд.

Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳҳои мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

Танҳо дар соли 2023 дар пойтахти мамлакат 16 километр роҳҳои мошингард бо арзиши 700 миллион сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои маҳаллӣ вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ба маблағи зиёда аз 300 миллион сомонӣ қариб 1000 километр роҳҳои маҳаллӣ таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 41 пул ба анҷом расидааст.

Мо тасмим гирифтаем, ки бо амалисозии ҳадафҳои муайянкардаамон дар панҷ – шаш соли оянда ҳамаи роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии мамлакатро ба меъёрҳои сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонем.

Яъне бунёди роҳҳои муосир дарояндаи наздик ба мо имкон медиҳад, ки ба ҳадафи стратегиамон – ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ноил шуда, рушди устувори иқтисодӣ ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии халқамонро таъмин намоем.

Дар баробари сохта, ба истифода додани роҳҳои мошингард, тартиби истифодабарии самаранок ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳои бунёдгардида яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн хеле муҳим аст.

Илова бар ин, барои пурра ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бунёди марказҳои логистикӣ, тақсимоти яклухт ва афзоиш додани шумораи нақлиёти боркаш, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти яхдондор дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон муҳим мебошад.

Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадоранд, ки минбаъд низ ҷиҳати ҷалби сармоя ва самаранок амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла лоиҳаи шабакаи ягонаи назорати рақамии ченкунии вазни нақлиёти боркаш тадбирҳои ҳатмӣ андешанд.

Бар замми ин, Вазорати нақлиёт ва Хадамоти гумрукро зарур аст, ки ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ, ташкили «долонҳои сабз», бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ бунёд кардани терминалҳои наздисарҳадӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Вазорати нақлиёт ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати такмили стандартҳои экологиву иҷтимоии таҳияи лоиҳаҳои бунёду азнавсозӣ ва истифодаи роҳҳо бо мақсади мутобиқ

намудани онҳо ба принсипҳои иқтисоди «сабз», кабудизоркунии шафати роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Илова бар ин, зарур аст, ки ҷиҳати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пешгирӣ кардани садамаҳои нақлиётӣ, ҳифзи ҳаёту саломатии шаҳрвандон, баланд бардоштани маданияти ронандагӣ ва тоза нигоҳ доштани шафати роҳҳо тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд.

Таъмин намудани зиндагии осудаву босаодати наслҳоиояндаи халқамон моро водор месозад, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоем.

Яъне мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва чунонки доим таъкид менамоям, ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем.

Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани

муқовимати воситаҳои дорувории мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст.

Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад.

Ҳамватанони азиз!

Вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он – хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст.

Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаврии кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор 2 баробар (ҳоло шумораи он ба 2,6 миллион сар расидааст), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст.

Воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар сол ба сол кам гардида, аз 10,7 ҳазор тонна дар соли 2014 ба 144 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст.

Воридоти шир ниҳоят кам ба қайд гирифта шудааст.

Яъне ҳоло талаботи аҳолии мамлакат бо гӯшту шир пурра аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин шуда истодааст.

Хотиррасон менамоям, ки дар замони сохти гузашта ҳар сол ба ҷумҳурӣ 160 ҳазор тонна гӯшт ва 170 ҳазор тонна картошка ворид мегардид.

Фаромӯш набояд кард, ки дар се даҳсолаи гузашта аҳолии Тоҷикистон аз 5 миллион ба 10 миллион расид, яъне талабот ба маводи ғизоӣ ду баробар афзоиш ёфт.

Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад.

Истеҳсоли картошка (122 фоизи талабот), сабзавот (174 фоиз), пиёз (527 фоиз), сабзӣ (360 фоиз), полезӣ (312 фоиз), гӯшту шир (100 – фоизӣ) барзиёд аз меъёри истеъмолӣ таъмин гардидааст.

Яъне имрӯз кишвари мо бо ин намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ пурра таъмин мебошад.

Барои заҳмати софдилона, ки аз нишондиҳандаҳои зикршуда ва фаровонии бозори истеъмолӣ ба хубӣ маълум аст, ба ҳамаи кишоварзони мамлакат миннатдории самимии худро баён менамоям.

Солҳои охир дастгирӣ ва имтиёзҳои барои рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳодгардида натиҷаҳои мусбат дода истодаанд: дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Танҳо дар асоси татбиқи имтиёз дар соҳаи парандапарварӣ дар ин давра шумораи корхонаҳои парандапарварӣ 3,3 баробар ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳа 5 баробар афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади идома додани ин раванд, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди саноати хӯрокворӣ ва содироти маҳсулоти он диққати аввалиндараҷа диҳад.

Илова бар ин, дар самти ташкили озмоишгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, ҳалли масъалаи эътирофи сертификати сифат дар доираи савдои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик ва ташаккули «долони сабз»-и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Ҳозирини арҷманд!

Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.

Вале таъкид менамоям, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил

намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

Амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин, касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор карда шавад.

Ҳамчунин, ташкили фаъолияти маҳаллу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ҳамаи мағозаву бозорҳо ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, хусусан, маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ масъалаҳое мебошанд, ки бояд зери назорати гурӯҳи корӣ қарор дода шаванд.

Гурӯҳи корӣ ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат оид ба корҳои иҷрошуда ҳисобот пешниҳод намояд.

Ҳамзамон бо ин, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат додани қарзҳои хурди имтиёзнокро барои рушди хунармандиву косибӣ васеъ ба роҳ монанд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд.

Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид.

Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати

маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст.

Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад.

Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад.

Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст.

Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст.

Зеро ҳанӯз 73 ҳазор хонанда бе ҷойи нишаст мемонад.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад.

Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои

дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ин замина бояд рушди иқтидори илмии муассисаҳои зикршуда, дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар раддабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин карда шавад.

Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, ӯҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд.

Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд.

Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар кишвар шумораи аҳолии қобили меҳнат мунтазам рӯ ба афзоиш буда, дар панҷ соли охир 8,4 фоиз зиёд гардидааст.

Инчунин, суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба суръати афзоиши қувваи корӣ 2,5 баробар зиёд мебошад.

Бинобар ин, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба шуғл зарур аст, ки тибқи супоришҳои қаблӣ дар соҳаҳои иқтисоди кишвар ҳар сол зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шаванд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ташкили ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати муносиб дар дохили кишвар ва омӯзонидани касбҳои коргарӣ ба шаҳрвандон яке аз вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад.

Андешидани тадбирҳои мушаххас доир ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардонидани аҳолии мамлакат ва ҳарчи бештар дар дохили

кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон низ вазифаи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ дар ин самт масъулияти бевосита доранд.

Ҳамватанони азиз!

Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Маблағгузории соҳа мунтазам зиёд шуда, вазъи таъмини муассисаҳои тиббии кишвар бо таҷҳизоти ҳозиразамон ва неруи кадрӣ сол ба сол беҳтар мегардад.

Дар соли 2023 барои соҳаи тандурустӣ 3,3 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2017-ум 2,3 баробар зиёд буда, 8,8 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар соҳа татбиқи 15 стратегияву барномаи миллӣ бомаром идома дорад.

Танҳо дар давоми соли 2023-юм 132 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Чанд рӯз пеш бинои нави Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба истифода дода шуд.

Кормандон дар биное, ки 60 – 70 сол пеш сохта шудааст, дар шароити бисёр номусоид кор мекарданд ва аксари воҳидҳои сохтории вазорат дар гӯшаҳои гуногуни пойтахт фаъолият доштанд.

Акнун, ки шароити беҳтарин муҳайё гардид, бояд фаъолияти худро дучанду сечанд беҳтар намоянд.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва таҳкими иқтидори миллӣ барои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи тандурустӣ лоиҳаи «Миллати солим», ки маблағи умумии он беш аз 630 миллион сомонӣ мебошад, амалӣ шуда истодааст.

Илова бар ин, дар 5 соли оянда сохтмон ва таъмири беш аз 350 муассисаи тандурустӣ ба маблағи зиёда аз 500 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат 2 баробар зиёд шуда, аз 5,3 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10,2 миллион нафар дар соли 2023 расид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши табиии аҳолӣ аз ҳисоби зиёд шудани таваллуд ва паст гардидани фавт дар замони соҳибистиқлолӣ хар сол ба ҳисоби миёна 2,1 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла дар ин давра шумораи фавт ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ аз 6 нафар дар соли 1991 то 3 нафар дар соли 2023 паст гардидааст.

Яъне дар ин давра фавт 2 баробар коҳиш ёфтааст.

Аз ҷониби дигар, дар ин давра дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расидааст.

Яъне умри миёнаи аҳолии мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 6 сол афзоиш пайдо кардааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур далели равшану возеҳи беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошанд.

Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд.

Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад.

Дар баробари ин, ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам:

– аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.

– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;

– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;

Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми зикршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамватанони азиз!

Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем.

Имрӯз занону бонувони тоҷик ба хотири рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда истодаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар духтарони боистеъдоди мо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд.

Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 фоизашон духтарон мебошанд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1989-ум ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд.

Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.

Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст.

Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем.

Бовар дорам, ки занон ва модарону бонувону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд.

Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа

яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки қисми асосии он ба оилаҳои ҷавон рост меояд.

Яъне, дар маҷмӯъ, беш аз 8 миллиону 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат шароити истиқоматии худро беҳтар кардаанд, ки аксари онҳоро оилаҳои ҷавон ташкил медиҳанд.

Инчунин, дар ин давра 11 ҳазор иншооти нави варзиш бунёд гардид, ки он ҳам асосан барои ҷавонон мебошад.

Дар тӯли ин солҳо 1 миллиону 48 ҳазор нафар ҷавонон дар дохил ва хориҷи кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидаанд.

Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд.

Қобили зикр аст, ки танҳо соли 2023 беш аз 3000 нафар ҷавонони мо ғолиби озмуну олимпиадаҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ гардидаанд.

Тайи беш аз се даҳсола ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо ва боз ҳам беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагиву фаъолияти ин қишри фаъоли иҷтимоӣ як силсила нақшаву барномаҳо қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда зарур аст, ки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои кор бо ҷавононро таҳия ва амалӣ намояд.

Дар ин замина, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.

Таъмин намудани рушди соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат буда, ҳадафи он оммавигардонии варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мебошад.

Иштироки фаъоли ҷавонони мо ва пирӯзии онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, бешубҳа, ба болоравии обрӯи кишварамон мусоидат менамояд.

Танҳо соли 2023 варзишгарони Тоҷикистон аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 343 медал, аз ҷумла 108 тилло, 76 нуқра ва 159 биринҷӣ ба даст овардананд, ки нисбат ба соли 2022-юм 226 медал зиёд мебошад.

Барои ноил гардидан ба дастовардҳои боз ҳам бештар зарур аст, ки ба истифодаи самараноки инфрасохтори варзиш, хусусан, ба нигоҳубини дурусти иншооту биноҳои бунёдгардида эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Муҳтарам вакилони халқ!

Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад.

Ба шумо – аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем.

Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст.

Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо низ аз ҷумлаи корҳои муҳим

мебошад ва бояд дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҳозирини арҷманд!

Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем.

Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд.

Ҳукумати мамлакат дар ин самт, аз ҷумла доир ба навсозии иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамаи чораҳои заруриро андешида истодааст ва ин равандро минбаъд низ идома хоҳад дод.

Ҳадафи мо аз навсозии имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳ боз ҳам беҳтар таъмин намудани амният ва суботи кишварамон мебошад.

Таъкид менамоям, ки роҳбарони Қувваҳои Мусаллаҳ, воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба риояи ҳатмии ойинномаҳои ҳарбӣ, тартибу интизом ва таъмини волоияти қонун эътибори доимӣ ва қатъӣ диҳанд.

Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки

сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.

Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

Ҳамватанони азиз!

Мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, буҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд.

Кишвари мо ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии худ минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи эҳтирому эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин, дигар шарикони

анъанавӣ аз минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Америко ҷойгоҳи хосса дорад.

Чунин рӯйкарди ба оянда нигаронидашуда асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Дар ин росто, мо ҳамкории худро бо кишварҳои ҷаҳони ислом боз ҳам густариш мебахшем.

Тоҷикистон дар робита ба равандҳои ҷорӣ дар Афғонистон ва Ховари Миёна, бахусус, Фаластин хеле нигарон аст.

Мо таъсиси давлати мустақили Фаластинро дар асоси қатъномаҳои қабулкардаи Созмони Милали Муттаҳид ва марзҳои соли 1967 ягона роҳи имконпазири таъмини сулҳу суботи пойдор дар ин минтақа медонем.

Кишвари мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам даъват ба амал меоварад, ки ҳамаи низоъҳо танҳо бо роҳи музокирот ва муколама ҳал карда шаванд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст.

Мо ҷиҳати таъмин намудани пойдории низом ва суботи байналмилалӣ аҳаммияти тақвияти нақши муҳимму ҳамоҳангсоз ва муттаҳидкунандаи Созмони Милали Муттаҳидро таъкид мекунем.

Қобили ёдоварист, ки соли гузашта бо ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани

Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст.

Мо аз ҳамкориҳои худ бо ҳамаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд қаноатманд мебошем ва минбаъд низ бо мақсади таъмин намудани ҳадафҳои рушди устувор ҳамкориҳои худро бо онҳо густариш медиҳем.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Ҳамватанони азиз!

Дар паёми имрӯза дастоварду пешравиҳои дар зарфи солҳои охир ноилшудаи Тоҷикистони соҳибистиқлол баён гардиданд.

Хотирнишон менамоям, ки ҳамаи пешравиҳои зикршуда маҳз бо заҳмати содиқонаву софдилона ва азму талоши ватандӯстонаи мардуми шарифи кишвар ба даст омадаанд.

Аз ин лиҳоз, ба мардуми соҳибмаърифату тамаддунсоз ва шарафманду сарбаланди мамлакат барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат ва заҳмати аҳлонаву ободгарона сипосу миннатдории самимии худро изҳор мекунам.

Дар баробари комёбиҳо имрӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, вазифаҳо барои ҳаллу фасли онҳо муайян ва мушаххас карда шуданд.

Таъкид менамоям, ки бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта, қабл аз ҳама, вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар – аъзои Ҳукумат, Маҷлиси

миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, фаъолон ва тамоми мардуми шарифи кишвар мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем.

Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам.

Бо итминон изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон саломатӣ, хонаи обод, бахту иқболи нек ва ба ҳар яки шумо – ҳозирини муҳтарам – сарбаландӣ ва муваффақияту барори кор орзу менамоям.

Ҳамеша саломату муваффақ бошед, ҳамватанони азиз!

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, № 11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, № 8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, № 5, мод. 346, № 7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, № 3, мод. 126, № 7, мод. 399, № 12, мод. 640; с. 2007, № 7, мод. 665; с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 3, № 6, мод. 444, мод. 447, № 10, мод. 803, № 12, қ. 1, мод. 986, № 12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, № 3, мод. 80, № 7-8, мод. 501; с. 2010, № 3, мод. 155, № 7, мод. 550; с. 2011, № 3, мод. 161, № 7-8, мод. 605; с. 2012, № 4, мод. 258, № 7, мод. 694; с. 2013, № 6, мод. 403, мод. 404, № 11, мод. 785, № 12, мод. 881; с. 2014, № 3, мод. 141, № 7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, № 3, мод. 198, мод. 199, № 11, мод. 949, № 12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, № 3, мод. 127, № 5, мод. 355, мод. 356, № 7, мод. 608, мод. 609, № 11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, № 1-2, мод. 2, мод. 3, № 7-9, мод. 586; с. 2018, № 1, мод. 4, мод. 5, № 5, мод. 266, № 7-8, мод. 522; с. 2019, № 1, мод. 1, мод. 2, № 6, мод. 311; с. 2020, № 1, мод. 8, мод. 9, № 7-9, мод. 607, мод. 623, № 12, мод. 904; с. 2021, № 4, мод. 196, № 12, қ. 2, мод. 683; с. 2022, № 7, мод. 437, мод. 438, № 12, қ. 2, мод. 764, мод. 765), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар диспозитсияи қисми 4) моддаи 139 калимаҳои «қисмҳои якум ё дуюми» ба калимаҳо ва рақамҳои «қисмҳои 1), 2) ё 3)» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 2) моддаи 141:

- банди в) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«в) такроран;»;

- банди в) банди г) ҳисобида шавад.

3. Ба моддаи 142 қисми 3) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3) Ҳаракатҳое, ки дар қисмҳои 1) ва 2) ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар нисбати ду ё зиёда шахсони баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида содир шуда бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.».

4. Банди 2) эзоҳи моддаи 200 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2) Мафҳумҳои миқдори кам, начандон калон, калон ва махсусан калон, ки дар ҳамин модда ва моддаҳои дахлдори дигари Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, мутобиқи номгӯй ва миқдори воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, ки дар муомилот қарор доранд, инчунин растаниҳои дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ва ё қисмҳои онҳо, ки дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ мебошанд ва дар замимаи 1 ба Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, муайян карда мешаванд.».

5. Дар моддаи 212[1]:

- дар ном калимаҳои «рақами қалбакӣ ва ё тайёр кардани рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт» ба калимаҳои «муомилоти ғайриқонунии рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт» иваз карда шаванд;

- аз диспозитсияи қисми 1 калимаҳои «ё рақами қалбакӣ» хориҷ карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол додан, истифода бурдан ё ба соҳибияти каси дигар додани рақами қалбакии қайди воситаи нақлиёт, -

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.»;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Кирдорҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда, агар бо мақсади содир ё рӯйпӯш намудани ҷиноят содир шуда бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.».

6. Дар моддаи 241:

- дар санксияи қисми 1) калимаҳои «дусад то сесаду шасту панҷ» ва «то ду» мувофиқан ба калимаҳои «чорсад то шашсад» ва «то чор» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2) калимаҳои «ду то панҷ» ба калимаҳои «чор то шаш» иваз карда шаванд;

- дар диспозитсия ва санксияи қисми 3) калимаҳои «қисмҳои якум ё дуюми» ва «панҷ то ҳашт» мувофиқан ба калимаҳо ва рақамҳои «қисмҳои 1) ё 2)» ва «шаш то даҳ» иваз карда шаванд.

7. Ба диспозитсияи қисми 2 моддаи 3411 пас аз калимаи «экстремистидошта» калимаҳои «, инчунин дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин» илова карда шаванд.

8. Замимаи 1 дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**13 ноябри соли 2023, № 1984**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба қисми 1) моддаи 49 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод.167; с.2002, № 11, мод. 675, мод. 750; с.2003, № 8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, № 5, мод. 346, № 7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, № 3, мод.126, № 7, мод. 399, № 12, мод. 640; с. 2007, № 7, мод. 665; с. 2008, № 1, қ. 1, мод.3, № 6, мод. 444, мод. 447, № 10, мод. 803, № 12, қ. 1, мод. 986, № 12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, № 3, мод. 80, № 7-8, мод. 501; с.2010, № 3, мод. 155, № 7, мод. 550; с. 2011, № 3, мод. 161, № 7-8, мод. 605; с. 2012, № 4, мод. 258, № 7, мод. 694; с. 2013, № 6, мод. 403, мод. 404, № 11, мод. 785, № 12, мод. 881; с. 2014, № 3, мод. 141, № 7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, № 3, мод. 198, мод. 199, № 11, мод. 949, № 12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, № 3, мод. 127, № 5, мод. 355, мод. 356, № 7, мод. 608, мод. 609, № 11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, № 1-2, мод. 2, мод. 3, № 7-9, мод. 586; с. 2018, № 1, мод. 4, мод. 5, № 5, мод. 266, № 7-8, мод. 522; с. 2019, № 1, мод. 1, мод. 2, № 6, мод. 311; с. 2020, № 1, мод. 8, мод. 9, № 7-9, мод. 607, мод. 623, № 12, мод. 904; с. 2021, № 4, мод. 196, № 12, қ. 2, мод. 683; с. 2022, № 7, мод. 437, мод. 438, № 12, қ. 2, мод. 764, мод. 765), ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Маблағи ҷарима ба буҷети ҷумҳуриявӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**13 ноябри соли 2023, № 1985**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; с. 2010, № 1, мод. 2, мод. 5, № 3, мод. 153, № 7, мод. 547, № 12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, № 6, мод. 430, мод. 431, № 7-8, мод. 610, № 12, мод. 838; с. 2012, № 4, мод. 256, № 7, мод. 685, мод. 693, № 8, мод. 814, № 12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, № 3, мод. 181, № 7, мод. 508; с. 2014, № 3, мод. 143, мод. 144, № 7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, № 3, мод. 201, № 7-9, мод. 707, мод. 708, № 11, мод. 955, № 12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, № 3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, № 5, мод. 359, мод. 361, № 7, мод. 613, мод. 614, № 11, мод. 877; с. 2017, № 1-2, мод. 5, мод. 6, № 5, қ. 1, мод. 275, № 7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, № 1, мод. 9, № 5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, № 1, мод. 8, № 6, мод. 312, мод. 313, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 6, № 7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, № 12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, № 6, мод. 384, мод. 385, мод. 12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, № 1-3, мод. 12, № 7, мод. 443, № 12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, № 4-6, мод. 155), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 313 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 313. Идора намудани воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии бегона ва ё барои идора ба шахси дигар додани чунин воситаи нақлиёт, инчунин ба шахси дигар додани рақами қайди давлатӣ

Барои идора намудани воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии бегона ва ё барои идора ба шахси дигар додани чунин воситаи нақлиёт, инчунин ба шахси дигар додани рақами қайди давлатӣ,-

ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиёт ба муҳлати як сол таъйин карда мешавад.».

2. Дар қисми 1 моддаи 330:

- ба диспозитсия пас аз калимаи «ойинагӣ» калимаҳои «ва ё бо шишаи сиёҳу хираи пешрӯӣ» илова карда шаванд;

- дар санксия калимаҳои «яксаду бисту панҷ» ба калимаҳои «яксаду панҷоҳ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**13 ноябри соли 2023, № 1986**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба моддаи 64 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, № 1, мод. 6; с. 2012, № 7, мод. 721; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 388, № 12, мод. 821; с. 2015, № 11, мод. 953; с. 2016, № 5, мод. 360; с. 2018, № 1, мод. 6; с. 2019, № 1, мод. 6, № 6, мод. 314; с. 2020, № 7-9, мод. 603; с. 2021, № 12, қ. 2, мод. 691; с. 2022, № 1-3, мод. 6, мод. 7, № 7, мод. 440, № 12, қ. 2, мод. 770), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми 2 калимаҳои «парвандаи граждании» ва «парвандаи гражданӣ» мувофиқан ба калимаҳои «парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии» ва «парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «Ҳукми» ва «ҳукми» мувофиқан ба калимаҳои «Санади» ва «санади» иваз карда шаванд;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи иқтисодии қаблан баррасигардида барои суди юрисдиксияи умумӣ, ки парвандаҳои маданӣ ва оилавиро баррасӣ мекунад, ҳатмӣ буда, оид ба ҳолатҳое, ки бо санади судии суди иқтисодӣ муқаррар карда шудаанд, ҳангоми баррасии парвандаи дигар, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешавад ё мавриди баҳс қарор намегирад.».

- қисмҳои 3 ва 4 мувофиқан қисмҳои 4 ва 5 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**13 ноябри соли 2023, № 1987**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№1**

**аз 26 декабри соли 2023 шаҳри Душанбе**

# Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд

Бинобар қабул гардидани Кодекси манзил ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба манзил дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Мувофиқи муқаррароти моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 1 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси манзил) ҳама гуна амал (беамалӣ), ки барои амалишавии ҳуқуқ ба манзил монеъ мегардад, манъ аст. Аз ин рӯ, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба манзил яке аз шартҳои асосии таъмини кафолати конститутсионии ҳуқуқ ба манзил мебошад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳуқуқ ба манзили кофӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки Тоҷикистон

эътироф кардааст, аз ҷумла, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 пешбинӣ шудааст.

2. Суди юрисдиксияи умумӣ ҳифзи ҳуқуқи вайронгардидаи манзилиро тибқи тартиби тобеияти идоравӣ, ки бо Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМГ ҶТ) муқаррар шудааст, таъмин менамояд.

Мувофиқи талаботи сархати якуми қисми 1 моддаи 24 КМГ ҶТ судҳо парвандаҳоро оид ба даъвои шаҳрвандон, ташкилот, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар хусуси ҳифзи ҳуқуқи вайроншуда ё мавриди баҳс қарордошта, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ, оид ба баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи манзил бармеоянд, баррасӣ ва ҳал менамоянд.

Парвандаҳо оид ба баҳсҳои манзил аз ҷониби суд дар асоси аризаи даъвогии (ариза, шикоят) шахсони манфиатдор, шахсоне, ки дар моддаи 48 КМГ ҶТ пешбинӣ шудаанд ва ё прокурор бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 47 КМГ ҶТ баррасӣ карда мешаванд.

3. Агар зимни баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо байни меъёрҳои Кодекси манзил ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии баробардараҷа ихтилофот ва номутобиқатӣ ошкор гардад, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёрҳои Кодекси мазкур ҳамчун қонуни махсус қувваи бештари ҳуқуқӣ доранд.

Манзили истиқоматӣ метавонад объекти ҳам муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳам ҳуқуқи манзил бошад. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуқуқи

маданӣ дар тафовут аз ҳуқуқи манзил муносибатҳоро вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории манзили истиқоматӣ ҳамчун объекти муомилоти маданӣ ба танзим медарорад (мисол, аҳдҳо вобаста ба манзили истиқоматӣ).

4. Кодекси манзил қувваи бозгашт надорад ва нисбат ба муносибатҳое татбиқ мешавад, ки пас аз мавриди амал қарор додани он ба миён омаданд.

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо қонунгузории манзил ба танзим даровarда мешаванд, мумкин аст хусусияти давомнок дошта бошанд. Дар ин ҳолат меъёрҳои Кодекси манзил танҳо нисбат ба он ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектони муносибати ҳуқуқӣ паҳн мегардад, ки пас аз мавриди амал қарор додани он ба миён омадаанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас муайян намудан зарур аст, ки муносибатҳои ҳуқуқии баҳсноки манзилии тарафҳо кай ба миён омадаанд (масалан, агар ҳуқуқи даъвогар ба истифодаи манзил то 1 сентябри соли 2022 вайрон шуда бошад, дар ин ҳолат меъёрҳои Кодекси манзил дар таҳрири соли 1997 татбиқ карда мешавад).

5. Номгӯи иштирокдорони муносибатҳо оид ба манзил дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 5 Кодекси манзил муайян шудааст. Ба онҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мансубанд.

Муносибатҳо оид ба манзил, ки иштирокдорони онҳо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мебошанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои ба истифодаи муваққатӣ гирифтани манзили истиқоматӣ ҳуқуқ доранд.

Ҳамзамон, ҳангоми ҳалли баҳсҳои манзил, ки иштирокдорони онҳо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мебошанд, бояд дар назар дошт, ки барои шахсони зикршуда моддаҳои 25, 65 ва 95 Кодекси манзил, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ, кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва кироягири манзили истиқоматии махсусгардонидашударо муайян менамояд, маҳдудият пешбинӣ накардааст.

6. Объекти муносибатҳои ҳуқуқи манзил манзили истиқоматие эътироф мешавад, ки мафҳум ва намудҳои он дар моддаҳои 4 ва 8 Кодекси манзил муайян шудааст. Манзили истиқоматӣ – молу мулки ғайриманқул дар намуди хонаи истиқоматӣ, қисми хонаи истиқоматӣ, хона дар бинои бисёрхонагӣ, қисми хона, ҳуҷра, ки барои истиқомати доимии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст ва ба қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ, техникӣ, экологӣ, меъморию шаҳрсозӣ, зидди сӯхтор ва ба талаботи дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки баҳисобгирии давлатии фонди манзил, бақайдгирии давлатии манзили истиқоматӣ ва назорати давлатии фонди манзил, ки дар ҳудуди дахлдор ҷойгир аст, инчунин, бо тартиби муқарраргардида барои истиқомат номувофиқ эътироф намудани манзилҳои истиқоматии фонди манзили коммуналӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ мегардад.

7. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи манзил, бояд кафолати конститутсионӣ, ки манзили шахс дахлнопазир буда, касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба инобат гирифта шавад.

Принсипи дахлнопазирии манзил онро ифода мекунад, ки ба манзили шахс зӯран даромадан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Принсипи манъи худсарона аз манзил маҳрум кардан маънои онро дорад, ки ҳеҷ кас аз манзилаш бароварда намешавад ва ё аз ҳуқуқи истифодабарии манзил маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Кодекси манзил ва дигар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 7 Кодекси манзил аз рӯи қиёс (қонун, ҳуқуқ) татбиқ намудани меъёрҳое, ки ҳуқуқ ба манзилро маҳдуд ва ҷавобгариро муқаррар менамоянд, манъ аст.

8. Кодекси манзил мӯҳлати умумии даъворо барои ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии вайронгардида муқаррар накардааст. Бинобар ин ба муносибатҳои баҳсноки манзилӣ меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба давомияти мӯҳлати умумии даъво татбиқ мегардад.

Мӯҳлати умумии даъво ба муносибатҳои баҳсноки манзилие, ки яке аз асосҳои онҳо шартнома мебошад (масалан, шартномаҳои кирояи манзили истиқоматии иҷтимоӣ, кирояи манзили истиқоматии махсусгардонидашуда, зериҷораи манзили истиқоматӣ, истифодаи манзили истиқоматӣ аз ҷониби аъзоёни оилаи

молик ва ё кироягири манзили истиқоматӣ) татбиқ мегардад.

9. Зимни баррасии баҳсҳо дар бораи ҳуқуқи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ ба манзили истиқоматӣ ё биноҳои бисёрхонагии сохташуда (моддаҳои 18-19 Кодекси манзил) суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ба ҳуқуқи моликият ба иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ, ки сохтмони хонаи истиқоматӣ ё бинои бисёрхонагӣ аз ҳисоби онҳо маблағгузорӣ карда шудааст, мутаносибан ба ҳиссаи иштироки онҳо тааллуқ дорад, агар бо қонунгузорӣ ё шартномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Агар иштирокдори моликияти ҳиссагӣ то бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ё биноҳои бисёрхонагии сохташуда вафот карда бошад, масъалаи ҳуқуқ ба ҳисса тибқи меъёрҳои ҳуқуқ ба мерос ҳал карда мешавад.

Ҳисса дар сохтмони манзили истиқоматӣ ё биноҳои бисёрхонагӣ, ки ба зану шавҳар то ақди никоҳ тааллуқ дошт, моликияти ҳар кадоми онҳо ба ҳисоб меравад. Агар ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ ё бинои бисёрхонагии сохташуда, пас аз бастани ақди никоҳ ба қайди давлатӣ гирифта шавад, дар ин сурат ин манзили истиқоматӣ моликияти танҳо иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ба ҳисоб меравад.

10. Ҳангоми баррасии баҳсҳо дар хусуси татбиқи ҳуқуқи молик ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории манзили истиқоматӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки қонунгузор ҳадди татбиқ намудани ҳуқуқ ба моликиятро(қисми 3 моддаи 23 Кодекси манзил) муайян намудааст.

Истифодабарии манзили истиқоматӣ ё қисми он барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ ё фаъолияти

соҳибкории инфиродӣ бо риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Вайрон кардани ҳадди муқаррарнамудаи қонун оид ба татбиқи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ боиси нисбати молик татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузорӣ мегардад.

11. Суд, судяҳо зимни баррасии баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудани шахс бояд ба назар гиранд, ки тибқи талаботи моддаи 24 Кодекси манзил ҳамсар, фарзандон (фарзандхондшудагон), падару модар (фарзандхондкунандагон), бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони молик, ки бо ӯ доимӣ дар хонаи истиқоматии ба ӯ тааллуқдошта якҷоя истиқомат мекунанд, аъзои оилаи молик эътироф мешаванд.

Ҳамсар – зану шавҳаре фаҳмида мешавад, ки ақди никоҳи онҳо дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳангоми баррасӣ намудани баҳсҳо оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудани ҳамсар, суд, судяҳо бояд муқаррароти моддаҳои 327 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекси маданӣ) ва 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гиранд, зеро манзили истиқоматӣ метавонад моликияти муштарак, якҷоя ва ё ҳиссагии онҳо бошад. Дар чунин ҳолат зарурати аъзои оилаи молик эътироф намудани ҳамсар ҷой надорад.

12. Дар ҳолатҳои истисноӣ шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи молик эътироф шаванд, ки новобаста аз муносибатҳои хешутаборӣ (мисол, бародар, хоҳар, келин, домод, бародарзода, хоҳарзода ва дигарон) бо розигии молик, ҳамчун аъзои оилаи ӯ дар ҳамин манзили истиқоматӣ, ба таври доимӣ бо молик истиқомат карда бошанд.

Таҳти мафҳуми розигии молик ҳолатҳое эътироф шуда метавонанд, ки молики манзили истиқоматӣ бо ирода ва розигии худ шахси дигарро чун аъзои оила ба манзили истиқоматиаш барои истиқомати доимӣ маскун намудааст бошад.

Дар баробари бо розигии молик маскун шудани шахсони зикршуда, инчунин бояд мақсад ва мазмуни иродаи молик муайян карда шавад, аз ҷумла, оё шахс ба манзили истиқоматии молик ҳамчун аъзои оила маскун карда шудааст ё ин ки манзили истиқоматӣбо асосҳои дигар барои истиқомат намудан ба ӯ пешниҳод шудааст (мисол, ба сифати сокини муваққатӣ, дар асоси шартномаи иҷора ва ғайра), ба хусусияти якҷоя зиндагонӣ кардани онҳо дар ҳамин манзили истиқоматӣ баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Танҳо ҳолати бо розигии молик дар қайди манзили истиқоматӣ будани шахс барои аъзои оилаи молик эътироф намудан асос шуда наметавонад ва он дар маҷмӯъ бо дигар далелҳо баҳо дода мешавад.

Мавҷуд будани розигии молик дар асоси баёноти тарафҳо, шахсони сеюм, нишондоди шоҳидон, далелҳои хаттӣ ва дигар далелҳо муайян мегардад.

Таҳти мафҳуми ҳамин манзили истиқоматӣ он манзиле фаҳмида мешавад, ки шахс бо розигии молики манзили истиқоматӣ дар ҳамин манзил ба таври доимӣ бо ӯ истиқомат кардааст.

Ба таври доимӣ бо молики манзил истиқомат намудани шахс ҳолате фаҳмида мешавад, ки ҳамин шахс бефосила ва давомдор бо молик дар манзили истиқоматии ӯ зиндагӣ карда бошад.

Барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бошад давомнокии истиқомати онҳо аз рӯзи гирифтани

гувоҳномаи иқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар ҳуқуқи моликияти ҷавобгар ба манзили истиқоматӣ бо тартиби дахлдор бақайдгирии давлатиро нагузашта бошад, ҳолати мазкур барои ҳалли баҳс дар бораи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф намудан монеа шуда наметавонад. Дар чунин ҳолат муқаррароти моддаи 24 Кодекси манзил оид ба аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф намудан татбиқ мегардад.

Мансубияти манзили истиқоматиро ба номи ҷавобгар қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ, инчунин маълумотномаҳои дахлдори ҷамоатҳо, колхозҳо, совхозҳо дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ ва дигар далелҳо шаҳодат дода метавонанд.

13. Тибқи талаботи моддаи 25 Кодекси манзил аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ҳуқуқ доранд дар баробари молик манзили истиқоматиро истифода баранд, агар ҳангоми маскун шудани онҳо ба манзили истиқоматии мазкур тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Аз ҷумла, тарафҳо метавонанд дар хусуси барои истифодаи аъзои оилаи молик ҷудо намудани ҳуҷраи алоҳида, тартиби истифодабарии иншооти умумӣ, андозаи иштирок дар пардохти хароҷоти нигаҳдории манзили истиқоматӣ, хароҷоти коммуналӣ ва ғайра ба созиш оянд.

Кодекси манзил нисбат ба тартиб, шакл ва шартҳои бастани чунин созишномаҳо талаботи махсусро пешбинӣ накардааст, аз ин рӯ ба онҳо қоидаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аҳдҳо татбиқ карда мешаванд.

Аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ дигар аъзои оилаи худро ба қисми манзили истиқоматии барояш ҷудонамудаи молик танҳо бо розигии охирон маскун карда метавонад, вале барои маскун намудани фарзандони ноболиғи ӯ чунин розигӣ талаб карда намешавад.

Ҳамзамон, аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ҳангоми истифодабарии манзили истиқоматӣ ухдадоранд аз ҷумла, манзили истиқоматиро дар ҳолати муносиб нигоҳ доранд, талаботи санитарию гигиенӣ, зиддисӯхтор, қоидаҳои истифодабарии манзили истиқоматиро риоя кунанд, маблағи хизматрасониҳои коммуналӣ, таъмири манзили истиқоматӣ ва маблағҳои дигарро вобаста ба истифода ва нигоҳдории зарурии манзили истиқоматӣ саривақт пардохт намоянд. Ғайр аз ин, аъзои оилаи молик набояд манзили истиқоматиро ба зарари манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони дигар истифода намуда, ухдадоранд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҳамсояҳоро эҳтиром ва риоя намоянд.

14. Кодекси манзил асосҳои кӯчонидани аъзои оилаи молики манзили истиқоматиро мушаххас пешбинӣ намудааст. Дар асоси талаботи молик шахсони зикршуда метавонанд аз манзили истиқоматӣ кӯчонида шаванд, агар мунтазам ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар истиқоматкунандагон, ҳамсояҳоро вайрон кунанд. Таҳти ин мафҳум амалҳои доимӣ ва такроршаванда оид ба истифодаи манзили истиқоматӣ сарфи назар аз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрвандон, инчунин вайрон намудани талаботи санитарию гигиенӣ, экологӣ, дигар талаботи қонунгузорӣ, қоидаҳои истифодабарии манзили истиқоматӣ (масалан, шабона ва аз меъёри иҷозатдодашуда баланд гӯш кардани мусиқӣ, тамошои оинаи нилгун, навохтани асбобҳои мусиқӣ, ба ҷо овардани корҳои таъмиру сохтмонӣ ва дигар амалҳое, ки боиси

вайрон намудани оромии шаҳрвандон ва хомӯшии шабона мегардад, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра) фаҳмида мешаванд, ки ҳамроҳ зиндагӣ карданро имконнопазир менамоянд. Инчунин, барои истифодабарии ғайримақсадноки манзили истиқоматӣ, ки аз истифодаи он на барои истиқомати шаҳрвандон, балки бо дигар мақсад (масалан, ҳамчун корхона, офис, анбор истифода намудан, ҷойгир намудани истеҳсолоти саноатӣ, нигоҳдорӣ ва парвариши ҳайвонот ва дигарҳо), яъне табдил додани манзили истиқоматӣ ба ғайриистиқоматӣ иборат аст.

Суд, судяҳо ҳангоми баррасӣ ва ҳалли даъвои молик оид ба кӯчонидани аъзои оилаи молик ва шахсони дигар бо ҳамин ва дигар асосҳои дар қисми 2 моддаи 26 Кодекси манзил пешбинишуда бояд муайян намоянд, ки оё молик дар бораи қатъ намудани чунин амалҳо онҳоро огоҳ намудааст, барои бартараф кардани вайроншавӣ муҳлати муайян пешниҳод кардааст ва тадбирҳои огоҳонӣ дар ҳама гуна шакл (хаттӣ ё шифоҳӣ) натиҷа додаанд ё не.

Дар баробари ин, дар назар доштан зарур аст, ки муҳлати дар огоҳинома муқаррарнамудаи молик барои бартараф намудани вайронкуниҳои зикршуда бояд ба принсипҳои оқилона, одилона ва бовиҷдонона ҷавобгӯ ва барои иҷро намудани амалҳои дар он пешбинишуда воқеӣ бошад.

15. Агар аз талаботи даъвогӣ дар бораи бартараф намудани монеагиҳои ҷавобгар оид ба истифодабарии манзили истиқоматӣ ва ё маскун намудан муайян гардад, ки санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба маскун кардан ба манзили истиқоматӣ мавҷуд аст ва мақсади даъвогар аз нав
маскун шудан ба ҳамон манзили истиқоматӣ мебошад, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»

тартиби аз нав иҷро намудани ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудан ва таъмини бемамонияти истифодабарии манзили истиқоматӣ ба танзим дароварда шудааст.

16. Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 45 Кодекси манзил манзилҳои истиқоматии фонди манзили давлатӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷ доранд ва дар маҳалли аҳолинишини мазкур доимӣ истиқомат ё кор мекунанд, барои истифодабарӣ дода мешаванд.

Асоси ҳуқуқии шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ қарори раиси шаҳр, ноҳия, ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди маҳалли аҳолинишини мазкур ва дар ҷойи кор бошад, қарори маъмурияти корхона, муассиса ва ташкилот дар мувофиқа бо иттифоқҳои касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандони ташкилоти мазкур мебошад. Қарори зикршуда бояд бо риояи талаботи боби 11 Кодекси манзил қабулкарда шавад.

Дар Кодекси манзил асосҳо, тартиб ва оқибатҳои беэътибории қарор оид ба додани манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки вайрон намудани талаботи Кодекси манзил зимни қабули қарор оид ба додани манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ асос барои пешниҳоди даъво ба суд оид ба беэътибор донистани қарор, шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва кӯчонидани шахсони дар он истиқоматкунанда шуда метавонад. Бо назардошти он ки талаботи зикршуда бо ҳам алоқаманд мебошанд, онҳо метавонанд дар як мурофиаи даъвогӣ баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

Талабот оид ба беэътибор донистани қарор ва шартномаи кирояи иҷтимоии дар асоси он басташуда тибқи муқаррароти Кодекси маданӣ ва бо асосҳои дар

моддаи 83 Кодекси манзил пешбинишуда, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

17. Доираи шахсоне ки аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ мебошанд, дар қисми 1 моддаи 64 Кодекси манзил муайян гардида, ба онҳо ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони кироягир дохил мешаванд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи кироягир эътироф карда шаванд, агар кироягир онҳоро ба сифати аъзои оила ба ҳамин манзили истиқоматӣ бо розигии кироядеҳ маскун карда бошад.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 64 Кодекси манзил баҳсҳо дар хусуси аъзои оилаи кироягир эътироф кардани шахс бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 65 Кодекси манзил аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, ки бо ӯ якҷоя истиқомат мекунанд, новобаста аз он ки онҳо дар баробари кироягир ба манзил маскун гардиданд ва ё минбаъд ба сифати аъзои оила маскун карда шуданд, бо кироягир ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд.

Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба аъзои оилаи кироягир эътироф намудани шахсони дигар, суд, судяҳо бояд мазмуни иродаи кироягирро муайян намоянд, ки оё ӯ онҳоро ҳамчун аъзои оилааш ба манзили истиқоматӣ маскун кардааст ва ё манзили истиқоматиро бо асосҳои дигар ба онҳо пешниҳод намудааст (масалан, ба сифати сокинони муваққатӣ ва ғайра). Ҳамзамон бояд давомнокии муҳлати истиқомати онҳо дар манзили истиқоматӣ, мавҷудияти ҳуқуқи истифодаи манзили дигар ва ё маҳрум шудан аз ҳуқуқи истифодаи он муқаррар карда шавад. Дар

сурати мавҷуд будани баҳс ҳолатҳои мазкур бо ҳама гуна воситаҳои исбот тасдиқ карда мешаванд.

18. Агар шахс аз аъзои оилаи кироягир баромада, дар манзили ишғолнамудааш истиқоматро идома диҳад, ӯ бо аъзои оилаи кироягир ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дорад.

Бо назардошти он ки собиқ аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ бо кироягир аз рӯи уҳдадориҳои шартномаи мазкур масъулияти муштараки молумулкӣ дорад, ӯ ҳуқуқ дорад аз кироядеҳ ва кироягир талаб намояд, ки бо ӯ оид ба тартиб ва ҳаҷми иштирок дар пардохти маблағи истифодабарии манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ, таъмир ва нигоҳдории манзили истиқоматӣ созишномаи алоҳида баста шавад. Кироягири манзили истиқоматӣ низ ҳуқуқ дорад бо чунин талабот муроҷиат намояд. Баҳсҳо оид ба рад намудани бастани чунин созишнома ва ё доир ба мазмуни он ба мувофиқа наомадани тарафҳо, бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

19. Мутобиқи моддаи 66 Кодекси манзил ҳангоми муваққатан ғоиб будани кироягир ва аъзои оилаи ӯ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, ҳуқуқи онҳо ба манзили истиқоматӣ, ба истиснои ҳолатҳои бо қонун пешбинӣ гардидани муҳлати зиёдтар, ба муддати шаш моҳ нигоҳ дошта мешавад.

Бо талаботи шахсони манфиатдор маҳрумшуда эътироф намудани кироягир ва аъзои оилаи ӯ аз ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ бо сабаби зиёда аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун ғоиб будан, бо тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳангоми баррасии чунин баҳсҳо бояд ҳолатҳои зерин муайян карда шаванд: сабаби ғоиб будани ҷавобгар дар манзили истиқоматӣ ва давомнокии он, оё тарк намудани

манзили истиқоматӣ маҷбурӣ буд (муносибати хусуматнок дар оила, бекор кардани ақди никоҳ), хусусияти ихтиёрӣ ва муваққатӣ дорад (кор, таҳсил, муолиҷа) ё ин ки доимӣ (ба маҳалли истиқомати дигар кӯчидан, аз манзил баровардани молу мулк, бастани никоҳи нав ва ғайра). Инчунин бояд мавҷуд будани монеагии шахсони дигар барои истифодаи манзили истиқоматӣ, ки дар он истиқомат менамоянд, соҳиби ҳуқуқи истифодаи манзили дигар гардидани ҷавобгар дар ҷойи нав, иҷро намудани уҳдадориҳо аз рӯи шартнома оид ба пардохти истифодабарии манзили истиқоматӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайраҳо муайян карда шавад.

Агар муайян гардад, ки сабаби зиёда аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун ғоиб будани онҳо узрнок аст, суд даъворо рад менамояд.

Ҳолати баргаштани кироягир ва аъзои оилаи ӯ, ки зиёда аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун ғоиб буда, то баррасии даъво оид ба маҳрумшуда эътироф намудан нисбати онҳо пешниҳод шудааст, асос барои рад намудани даъво шуда наметавонад ва суд ба ин ҳолат бояд дар маҷмӯъ бо далелҳои дигари ҷамъовардашуда баҳо диҳад. Агар ҷавобгари зиёда аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун бе сабабҳои узрнок ғоиббуда ба манзили истиқоматӣ бе розигии аъзои оила маскун шавад, суд метавонад ӯро аз ҳуқуқи истифодаи манзил маҳрумшуда эътироф намояд.

Танҳо ҳолати надоштани ҳуқуқи истифода ба дигар манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва ё ҳуқуқи моликият далели дар манзили баҳсӣ муваққатан ғоиб будани шаҳрванде, ки аз манзили истиқоматӣ ба маҳалли истиқомати дигар ихтиёран кӯчидааст, эътироф шуда наметавонад, зеро тибқи талаботи қисми 2 моддаи 1 Кодекси манзил шаҳрвандон ҳуқуқҳои манзилии ба онҳо тааллуқдоштаро ихтиёран амалӣ менамоянд.

20. Суд, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 2 Кодекси манзил бекор кардани шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва кӯчонидани шаҳрвандон аз чунин манзили истиқоматӣ бо талаби кироядеҳ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот танҳо бо тартиб ва асосҳое, ки Кодекси манзил пешбинӣ намудааст, имконпазир аст. Дар чунин ҳолат, меъёрҳои Кодекси маданӣ нисбат ба муносибатҳо оид ба бекор ва қатъ намудани шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ татбиқ карда намешаванд.

21. Зимни қабули аризаи даъвогӣ оид ба кӯчонидани ҷавобгар аз манзили истиқоматӣ бо додани дигар манзили истиқоматӣ, судя бояд санҷад, оё дар аризаи даъвогӣ суроғаи манзили истиқоматии мушаххаси ба ҷавобгар пешниҳод гардида, ва озод будани он аз ҳуқуқҳои шахсони дигар, нишон дода шудааст ё не. Дар сурати мавҷуд набудани чунин маълумот судя аризаи даъвогиро дар асоси таъинот беҳаракат мононда, барои бартараф намудани норасогиҳо муҳлат пешниҳод менамояд.

Оид ба парвандаҳо дар бораи кӯчонидани шаҳрвандон бо додани дигар манзили истиқоматӣ бо асосҳои моддаи 76 Кодекси манзил дар ҳолате, ки манзили истиқоматӣ ва ё хонае, ки дар он манзили истиқоматӣ ҷойгир аст, вайрон (бартараф) карда шавад ё нобуд шуда бошад, манзили истиқоматӣ ба манзили ғайриистиқоматӣ табдил дода шуда бошад, манзили истиқоматӣ барои истиқомат номувофиқ эътирофшуда бошад, дар натиҷаи гузаронидани таъмири асосӣ ё азнавсозии хона нигоҳ доштани манзили истиқоматӣ имконнопазир бошад ё масоҳати умумии он кам гардад, ки дар натиҷа кироягир ва аъзои оилаи ӯ ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷманд эътироф карда шаванд, суд, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки дигар манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, ки

ба шаҳрванд пешниҳод карда мешавад, бояд ба талаботи моддаҳои 53-54 ва 79 Кодекси манзил ҷавобгӯ бошад.

Дар сурати қонеъ намудани даъво оид ба кӯчонидани шаҳрвандон аз манзили истиқоматӣ бо асоси дар боло зикргардида, дар қисми хулосавии ҳалнома бояд суроғаи манзили истиқоматӣ, ки тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад ва ҳамаи шахсони кӯчонидашаванда нишон дода шавад.

Зимни баррасии даъвои кироядеҳ оид ба бекор кардани шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва кӯчонидани кироягир бо аъзои оилааш бо додани дигар манзили истиқоматӣ бо сабаби пардохт накардани маблағи истифодабарии манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ дар муҳлати зиёда аз шаш моҳ бе сабабҳои узрнок, бояд муайян карда шавад, ки бо кадом сабаб ва дар кадом муҳлат кироягир ва аъзоёни оилаи ӯ уҳдадории пардохти маблағи истифодабарии манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналиро иҷро накарданд.

Барои ҳалли ин гуна баҳсҳо ҳолати аз ҷониби кироягир ва аъзои оилааш бефосила дар муҳлати зиёда аз шаш моҳ пай дар пай пардохт накардани хароҷоти зикршуда аҳамияти ҳуқуқӣ дорад.

Далели бо сабаби узрнок напардохтани маблағи истифодабарии манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ ҳолатҳои зерин шуда метавонад:

- муҳлати тулонӣ ба таъхир мондани пардохти музди меҳнат ва нафақа;

-шароити моддии вазнини кироягир ва аъзоёни оилаи ӯ бо сабаби бекор мондан ва наёфтани ҷойи кор нcorrectlyобаста аз чораҳои андешидашуда;

-бемории кироягир ва аъзоёни оилаи ӯ;

-дар ҳайати оила мавҷуд будани шахсони маъюб, кӯдакони ноболиғ ва ғайра.

22. Тибқи асосҳои дар моддаҳои 74 қисми 2 ва 82 қисми 2 Кодекси манзил пешбинишуда бо талаби кироядеҳ ва дигар шахсони манфиатдор шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ метавонад бекор карда шуда, кироягир ва аъзоёни оилаи ӯ аз манзили истиқоматӣ бе додани манзили истиқоматии дигар бо тартиби судӣ кӯчонида шаванд.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани дигар манзили истиқоматӣ чораи ниҳоӣ буда, танҳо дар сурати муайян намудани ҳолати мунтазам содир намудани амалҳои зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгорона аз ҷониби кироягир ва ё аъзои оилаи ӯ, новобаста аз огоҳонии кироядеҳ дар ҳама гуна шакл (хаттӣ ва шифоҳӣ) дар бораи бартараф намудани вайронкуниҳои содиршуда, ки онҳо бартараф накарданд, татбиқ карда мешавад.

Таҳти мафҳуми вайрон ё хароб кардани манзили истиқоматӣ аз ҷониби кироягир ё шаҳрвандони дигаре, ки барои амали онҳо ӯ ҷавобгар мебошад, амалҳое фаҳмида мешаванд, ки хусусияти доимӣ дошта, ба вайрон ё харобшавии манзили истиқоматӣ, қисмҳои таркибии сохтори бинои манзили истиқоматӣ (тиреза, дар, фарш, шифт, тачҳизоти санитарию техникӣ ва ғайра) мақсаднок равона шудаанд.

Таҳти мафҳуми қоидаи зисту зиндагии умумиро мунтазам вайрон намудани кироягир ва аъзои оилаи ӯ, ки дар як хона ё як бино ҳамроҳ истиқомат кардани дигаронро имконнопазир мегардонад, амалҳои доимӣ ва такроршаванда вобаста ба истифодаи манзили истиқоматӣ, сарфи назар аз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шахсони дар ин бино ва ё биноҳои ҳамшафат истиқоматкунанда, инчунин вайрон намудани талаботи санитарию гигиенӣ, экологӣ, меъморию

шаҳрсозӣ, зиддисӯхтор, дигар талаботи қонунгузорӣ, қоидаҳои истифодабарии манзили истиқоматӣ фаҳмида мешавад (масалан гӯш кардани мусиқӣ, тамошои оинаи нилгун, навохтани асбобҳои мусиқӣ шабона, аз меъёри иҷозат додашуда баланд, ба ҷо овардани корҳои таъмиру сохтмонӣ ва дигар амалҳое, ки боиси вайрон намудани оромии шаҳрвандон ва хомӯшии шабона мегардад, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра).

Зери мафҳуми истифодабарии ғайримақсадноки манзили истиқоматӣ истифодаи он на барои истиқомати шаҳрвандон, балки бо дигар мақсад (масалан, ҳамчун корхона, офис, анбор истифода намудан, ҷойгир намудани истеҳсолоти саноатӣ, нигоҳдорӣ ва парвариши ҳайвонот ва дигарҳо), яъне табдил додани манзили истиқоматӣ ба ғайриистиқоматӣ фаҳмида мешавад.

Дар баробари ин бояд ба назар гирифта шавад, ки қонунгузор истифодабарии манзили истиқоматиро барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ ё соҳибкории инфиродӣ бо розигии соҳибмулк ва истиқоматкунандагони манзили мазкур манъ накардааст, агар он ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони дигар ва талаботеро, ки манзили истиқоматӣ бояд ҷавобгӯйи онҳо бошад, вайрон накунад.

Шахсон бе додани манзили истиқоматии дигар дар он ҳолат бо асосҳои дар сархатҳои 3 ва 4 қисми 2 моддаи 74 Кодекси манзил пешбинишуда кӯчонида мешаванд, агар тадбирҳои огоҳонӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳама гуна шакл (хаттӣ ё шифоҳӣ) натиҷа набахшанд.

23. Ҳангоми баррасии даъво оид ба мавриди баҳс қарор додани иваз намудани манзилҳои истиқоматӣ байни кироягирони манзилҳои мазкур, ки тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд, бояд ҳолатҳои бо қарори кироядеҳони дахлдор ва розигии хаттии кироягирон ва аъзои болиғи оилаи онҳо амалӣ шудан,

инчунин ҷой надоштани асосҳои дар моддаи 69 Кодекси манзил пешбинишуда, ки иваз намудани манзилҳои истиқоматиро манъ менамоянд, санҷида шаванд.

Иваз намудани манзилҳои истиқоматӣ, шартҳои он ва мавриди баҳс қарор додани амал (беамалӣ)-и кироядеҳ бо «Тартиби иваз намудани манзилҳои истиқоматии тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ додашуда», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №210 тасдиқ гардидааст, ба танзим даровarда шудааст. Ҳангоми ба миён омадани баҳс оид ба масъалаҳои мазкур шахсони манфиатдор метавонанд ба суд бо тартиби мурофиаи даъвогӣ муроҷиат намоянд.

Иваз намудани манзилҳои истиқоматии ба фонди истифодаи иҷтимоӣ мансуббуда ба манзилҳои истиқоматии фондҳои шахсӣ (инфиродӣ), махсусгардонидашуда ва ё истифодаи тиҷоратӣ дар Кодекси манзил пешбинӣ нагардидааст.

Агар иваз намудани манзилҳои истиқоматӣ бо вайрон кардани талаботи моддаҳои 68 ва 69 Кодекси манзил сурат гирифта бошад, он метавонад беэътибор дониста шавад. Ҳамчунин иваз намудани манзилҳои истиқоматӣ бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ оид ба беэътибор донистани аҳдҳо (мисол, рӯякӣ будани иваз, таҳти фиреб ва дар натиҷаи гумроҳӣ баста шудани он) метавонад беэътибор дониста шавад.

24. Суд, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки ба манзилҳои истиқоматии фонди манзили махсусгардонидашуда дохил мешаванд:

- манзилҳои истиқоматии хизматӣ;
- манзили истиқоматӣ дар хобгоҳҳо;
-манзилҳои истиқоматии низоми муассисаҳои хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ;

- манзили истиқоматӣ барои ҷойгиркунии муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезаҳо.

Истифодабарии манзили истиқоматӣ ба сифати манзили истиқоматии махсусгардонидашуда танҳо пас аз мансуб донистани чунин манзил ба фонди манзили махсусгардонидашуда дар асоси қарори мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фонди мазкурро идора мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Асоси бастани шартномаи кирояи манзили истиқоматии мушаххаси махсусгардонидашуда, ки барои маскун шудан ва истиқомат кардан дар манзили истиқоматӣ ҳуқуқ медиҳад, мувофиқи талаботи моддаи 90 Кодекси манзил қарори моликони ин манзилҳо ё мақомоту шахсони ваколатдорнамудаи онҳо мебошад.

Талабот оид ба беэътибор донистани қарор дар бораи додани манзили истиқоматии махсусгардонидашуда ва шартномаи кирояи дар асоси он басташуда тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо асосҳои дар моддаи 96 Кодекси манзил пешбинишуда, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Шартномаи кирояи манзили истиқоматии махсусгардонидашуда метавонад ҳар вақт бо розигии тарафҳо ё бо ташаббуси кироягир бекор карда шавад.

Дар ҳолати иҷро нагардидани ухдадориҳои шартномаи кирояи манзили истиқоматии махсусгардонидашуда аз ҷониби кироягир ва аъзои оилааш, ки бо ӯ якҷоя истиқомат мекунанд, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 74 Кодекси манзил шартномаи мазкур мумкин аст бо талаби кироядеҳ тибқи тартиби судӣ бекор карда шавад.

Дар ҳолатҳои бекор ё қатъ гардидани шартномаи кирояи манзили истиқоматии махсусгардонидашуда

шаҳрвандон бояд манзили истиқоматиро холӣ намоянд. Дар сурати саркашӣ намудан аз холӣ кардани манзили истиқоматӣ онҳо бо тартиби судӣ бе додани манзили истиқоматии дигар кӯчонида мешаванд.

Гузаштани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматии хизматӣ ё манзили истиқоматӣ дар хобгоҳ, инчунин додани чунин манзили истиқоматӣ ба идоракунии хоҷагидорӣ ё оперативии дигар шахси ҳуқуқӣ боиси қатъ гардидани шартномаи кироя чунин манзили истиқоматӣ мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки молики нави ин манзили истиқоматӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки ба ӯ ин манзили истиқоматӣ гузаштааст, тарафи шартномаи меҳнатӣ бо корманд–кироягири ин манзили истиқоматӣ бошад.

Агар зимни баррасии парвандаҳо муайян гардад, ки амали тарафҳо оқилона, одилона ва бовиҷдонона набуда, бо нияти расонидани зарар ба молик ё шахси дигар равона шудааст, инчунин сӯиистифода аз ҳуқуқ дар шакли дигар ҷой дорад, дар ин ҳолат суд, судяҳо метавонанд ҳимояи ҳуқуқи ба шахс тааллуқдоштаро пурра ё қисман рад намоянд, инчунин дигар чораҳои пешбининамудаи қонунро татбиқ кунанд.

25. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқ ба манзил диққати махсус дода, ҳангоми ошкор намудани вайронкунии қонунгузории манзил, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи манзил, нисбат ба ташкилотҳои дахлдор ва шахсони мансабдор, ки ба он роҳ додаанд, бо баровардани таъинотҳои хусусӣ эътино зоҳир намоянд. Агар суд дар амали тарафҳо, дигар иштирокчиёни мурофиа, шахси мансабдор ё дигар шахс аломати ҷиноятро ошкор намояд, маводи дахлдорро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қонунвайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

26. Бо қабул шудани қарори мазкур, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузории манзил» аз 20 марти соли 1997 аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №3

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Мирзозода Парвон Зайналобиддин ба ҳайати Шӯрои илмию машваратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРД:**

Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Парвон Зайналобиддин ба ҳайати Шӯрои илмию машваратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №4

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

## Дар бораи хориҷ намудани Қуватзода Турон Давлат аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ҚАРОР КАРД:

Қуватзода Турон Давлат бинобар аз вазифаи Судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№5**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Саидзода Маҳмадисо Мурод аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Саидзода Маҳмадисо Мурод бинобар аз вазифаи Судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №6

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

## Дар бораи хориҷ намудани Аҳмадзода Ҷамшед Анвархон аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРД:**

Аҳмадзода Ҷамшед Анвархон бинобар аз вазифаи Судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№7**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Гиёзода Мирзоисмон Қурбон аз ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Гиёзода Мирзоисмон Қурбон бинобар аз вазифаи раиси суди шаҳри Душанбе озод шуданаш аз ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№8**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Абдулғанизода Абдулмонеъ аз ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Абдулғанизода Абдулмонеъ бинобар аз вазифаи судяи суди шаҳри Душанбе озод шуданаш аз ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№9**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Табарзода Изатулло Сафар аз ҳайати Раёсати суди вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Табарзода Изатулло Сафар бинобар аз вазифаи муовини раиси суди вилояти Хатлон озод шуданаш аз ҳайати Раёсати суди вилояти Хатлон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№10**

**аз 26 декабри соли 2023 шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Оқилзода Бахтиёр Даврон аз ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Оқилзода Бахтиёр Даврон бинобар аз вазифаи раиси суди вилояти Суғд озод шуданаш аз ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№11**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Раҳматзода Исмоил аз ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Раҳматзода Исмоил бинобар аз вазифаи муовини раиси суди вилояти Суғд озод шуданаш аз ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№12**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Зикирзода Лоиқ Хурсандқул ба ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Раиси суди шаҳри Душанбе Зикирзода Лоиқ Хурсандқул ба ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№13**

**аз 26 декабри соли 2023** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Шоҳиён Муҳаммадсаид Алимардон ба ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Судяи суди шаҳри Душанбе Шоҳиён Муҳаммадсаид Алимардон ба ҳайати Раёсати суди шаҳри Душанбе тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 4, 2023

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 x84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.